**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Турдиназаров Абдулмумин Саидович дар мавзӯи "Омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ иешниҳод гардидааст.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи мураккаби инкишофро сипарӣ менамояд. Равандҳои гузаришие, ки дар охири солҳои 80-ум ва аввали 90-уми асри XX дар кишвари паҳновари советӣ ба амал омаданд ва то ин замон идома доранд Тоҷикистон ва равандҳои мухталифи иҷтимоию сиёсии онро фаро гирифта, низоми нави инкишофи сиёсиро ташаккул додаанд.

Тағйиротҳои давраи мазкур паёмадҳои зиёду гуногунеро ба амал оварданд. Дар қатори чунин гузаришҳои сиёсӣ як навъ ҳодисае ба монанди авҷ гирифтани равандҳои дингароӣ ва тағйироти куллӣ нисбати дин ва урфу одат ва парастишоти динӣ ба миён омад. Он бештар дар сатҳи дигар ба амал омадани эътиқодмандии одамон, бештар ба парастишоти динӣ рӯ овардани омма, махсусан, ҷавонон, таъсис ва ба фаъолият шурӯъ намудани созмонҳо ва ташкилотҳои динӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсии динӣ ва дар ҳолатҳои махсус рӯ овардани онҳо ба масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ айён мегардид. Яъне, дингароӣ ва фаъолияти динӣ ба сифати омиле ташаккул меёфт, ки эҳтимолиятҳои зиёдеро дар рушди фаъолияти сиёсӣ ва ҳалли масъалаҳои сиёсии инкишофи Тоҷикистон пайдо менамуд.

Дар ин давраи инкишофи ҷомеаи сиёсӣ омили исломӣ ҳарчи бештар аз худ дарак медиҳад. Аз ин ҷост, ки раванди тадқиқи ҳамаҷонибаи он, пеш аз ҳама, ҳангоми истифода аз он ҳамчун падидаи объективӣ аҳамияти муҳими илмию амалӣ ва сиёсиро касб менамояд. Аз ин хотир, масъалаи мазкурро муаллифи рисола мавриди таҳқиқоти васеъ қарор дода, дини ислом ва хусусиятҳои дигароии муосирро ба сифати омили таъсирбахше мавриди пажӯҳиш қарор додааст, ки ба раванди сиёсии Тоҷикистон таъсири муассир

расонида, натиҷаҳо ва эҳтимолиятҳои гуногунро дар ихтиёр дорад. Чунин андешаҳо ва ҳолатҳо рӯзмаррагии омӯзиши масъалаи мазкурро ташкил медиҳанд.

А.С. Турдиназаров ҳангоми иншои рисола доираи васею гуногуни адабиёти илмию оммавӣ ва санадҳои гуногунро истифода намуда, кӯшидааст, ки хулосаҳои онҳоро дар раванди тадқиқоти хеш ва барои тақвият ва инкори андешаҳо истифода намояд. Гарчанде ки адабиёт дар мавриди масъалаи мазкур зиёду гуногун аст, аммо хулосагирии онҳо муаллифи рисоларо қаноат карда натавонистаанд. Махсусан, дар андешаҳои мухталифи муҳаққиқон аҳамияти исломи сиёсӣ ва ё мақоми дингароиро дар низоми сиёсии кишвари алоҳида, бахусус, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ пайдо накардааст. Аз ин ҷост, ки ӯ мақсади муайян намудани моҳият ва хусусиятҳо ва ҳолатҳои самаранокӣ ва ё паёмадҳои манфии таъсиррасониҳои исломи сиёсиро ба раванди таҳким ва такмили системаи сиёсии Тоҷикистон ба миён гузоштааст. Даҳсолаҳои охир дар кишварҳои гуногуни олам идеологҳои сатҳи мухталиф дар бораи "таҳдидҳои исломӣ", пайвасти дини ислом ба равияҳо ва ҷараёнҳои ифротгароӣ, ба монанди экстремизм ва терроризм, андешаҳои зиёду гуногун иброз медоранд. Аммо дар адабиёти илмию оммавӣ кам андар кам андешаи воқеӣ ва адолатнокро дар мавриди масъалаи мазкур пайдо намудан мумкин аст.

Навгониҳои кори диссертатсионии А.С. Турдиназаров низ дар ҳамин тарзи муносибати методологӣ ба масъалаи мазкур ва ҳолатҳои ба дифоъ пешниҳодшуда муқаррар гардидаанд.

Аз ин ҷост, ки рисолаи диссертатсионии А.С. Турдиназаров дар омӯзиши амиқи масъалаҳои гуногуни таъсиррасониҳои динӣ, дарёфти рӯовариҳои арзишию идеологии онҳо ва макому ҷойгоҳи онҳо дар таркиби масъалаҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа ва низоми такмили онҳо ҷойгоҳи хоса пайдо менамояд.

А.С. Турдиназаров кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст, ки сабабҳо, омилҳо ва унсурони асосии шаклгирӣ ва ҷойгирии омили исломиро дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир муайян намояд. Мақоми омили исломиро вобаста ба аломатҳои махсуси онҳо – рӯовариҳои арзишию идеологӣ ва самтгирии ташаккул ва мақомашон дар таҳким, такмил ва тағйири раванди сиёсӣ муқаррар намояд.

Ӯ кӯшидааст, ки асосҳо, захираҳо ва мақоми омили исломиро вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва ҳолати тағйирпазирии онҳо нишон диҳад. Ҷойгоҳи омили исломиро дар системаи сиёсӣ муайян намояд. Барои аз ҳолати зиддиятнок ва муқовиматбори инкишофи ҷомеа раҳоӣ ёфтан тавассути истифодаи фаъолиятҳои гуногун тарҳҳои хосае пешниҳод намояд. Ӯ таваҷҷуҳи бештарро ба сӯи мақом ва ҷойгоҳи омили исломӣ дар раванди ташаккул ва таҳкими раванди сиёсӣ кашида, манбаъҳо ва роҳҳои асосии истифодаи омили исломиро дар инкишофи босуботи ҷомеа нишон додааст.

Таваҷҷуҳи А.С. Турдиназаровро масъалаҳои асосӣ ва пешомади инкишофи омили исломӣ ва ҳамбастагии он бо инкишофи раванди сиёсии Тоҷикистони муосир ва таъмини инкишофи муътадил ва оқибат, суботи сиёсӣ ба худ кашидаанд. Муаллиф ба натиҷаҳо ва хулосаҳои зарурӣ расидааст, ки дар раванди инкишофи ҳодисаҳо ва падидаҳои муҳими ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамҷавори он истифодаи дуруст ва илман асоснокнамудаи омили исломӣ ба натиҷаҳо ва эҳтимолиятҳои мусбат хоҳанд овард. Зеро бисёре аз масъалаҳо, аз ҷумла истифодаи самараноки омили исломӣ хосияти минтақавӣ дошта, методологияи ягонаи омӯзиш ва натиҷагириро талаб доранд.

Таҳлил ва натиҷагириҳои раванди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, пайвастҳои омили исломӣ ва инкишофи фаъолиятҳои раванди сиёсӣ имконият медиҳанд, ки роҳу воситаҳои беҳтари ҳалли масъалаҳои мубрам, таҳкими раванду ҳодисаҳо ва рушди муътадили кишвар пайдо гарданд.

Муаллиф тавонистааст, ки масъалаҳои асосии таҳқиқотро ба таври басанда ва зарурӣ дар сарсухани рисола асоснок намояд. Асосҳои методологӣ, навгониҳои рисола ва масъалаҳои барои дифоъ пешниҳодшударо ба таври барҷаста нишон дода, ҳолати истифодаи воқеии онҳоро муқаррар намояд. Дар ду боби рисола онҳоро ба таври амиқ мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор диҳад. Дар хулосаи рисола масъалаҳо натиҷагирӣ шудаанд, ки аҳамияти муҳими назариявию методологӣ ва сиёсию амалиро касб менамоянд.

Боби аввали рисола - *"Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи мақоми ислом дар раванди сиёсӣ"* аз се қисмат таркиб ёфта, бештар масъалаҳои назариявию методологиро фаро гирифтааст. Тавաҷҷуҳи асосӣ ба масъалаҳои методологии таҳқиқи мақоми дини ислом дар раванди сиёсӣ, ҷойгоҳи омили исломӣ: моҳият, ҳадафҳо ва вазифаҳои он, исломи сиёсӣ ва зиддиятҳои раванди сиёсӣ дода мешаванд.

Мақоми муайянкунандаро унсурҳои таркибии раванди сиёсӣ касб менамоянд. Шароити инкишофи ҳаёти сиёсӣ, яъне воқеияти инкишоф, теъдод ва ҳолати рушди субъектҳо ва неруҳои сиёсӣ, хусусиятҳои маконии инкишоф, низоми пайдоиш ва инкишофи раванди сиёсӣ ва рӯовариҳои арзишию идеологии онҳоро муайян намуда, самтҳои баъдинаи фаъолияти онҳоро мураттаб месозанд.

Инъикоси воқеияти ҷамъиятӣ ва махсусан, раванди сиёсии инкишофи мамлакат дар ҷаҳонбинӣ ва рӯҳи одамони одӣ ва муқаррарӣ тавассути унсурҳои гуногун аҳамияти муҳим пайдо менамоянд. Дар байни онҳо талабот, тахминҳо, эҳтимолиятҳо ва барномаҳо аҳамияти муҳим доранд. Хусусиятҳои мазкурро дар низомҳои сиёсӣ кадр намуда, муаллиф тавонистааст, ки мақоми онҳоро дар раванди ҳалли масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ нишон дода, ҷойгоҳи онҳоро дар таркиботи системаи сиёсӣ муқаррар намояд.

Таъсис ва инкишофи неруҳои сиёсӣ дар шароити инкишофи муътадил дар нисбати инкишофи бухронӣ, махсусан, дар шароити моҷарогароии рушд

ба куллӣ фарқ менамоянд. Дар баробари дархост, имкониятҳо ва талаботҳои одамон афзалияти таъсиррасониҳои динию мазҳабӣ ва таъмини сатҳи зарурии муносибатҳои омил ва низоми инкишоф аҳамияти муҳим пайдо менамоянд. Аз ин хотир, муаллиф ҳангоми баррасии масъалаҳои инкишофи сиёсии Тоҷикистон, ки асосан аз вазъияти сиёсӣ ва низоми таъсиррасониҳои гуногун ба он бармеоянд талаботу дархостҳои одамонро дар барномаҳои сиёсӣ ва тарҳҳои мухталифи ташаккули низомҳо ҷустуҷӯ менамояд. Ӯ ба таълимотҳои мухталиф, аз ҷумла “назарияи ҳаракати ҷамъиятӣ”, “назарияи функсионализми сохторӣ”, «назарияи раванди сиёсӣ», “назарияи функсионализми сохторӣ” ва “назарияи ҳаракати ҷамъиятӣ”, «назарияи чаҳорчӯба» ва ғайра таваҷҷуҳ намуда, аҳамият ва зарурати таҳқиқи амиқи “назарияи моҳиятию роҳнамоии исломизм” ва “назарияи ҷавобии моҳиятии исломгароӣ”-ро барои дарки дурусти мақоми омили исломӣ дар рушди раванди сиёсии ҷомеае, ки аҳолии бештари онро мусулмонон ташкил намудаанд мавриди тавсиф ва таҳлили васеъ қарор додааст.

Муаллиф ба заминаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва идеологии пайдоиш ва мақоми хоса пайдо намудани омили исломӣ дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон барин кишварҳои секулярӣ таваҷҷуҳи хоса намудааст. Неруҳои сиёсӣ, ки дар як кишвар заминаҳои умумии идеологӣ доранд, барои дарёфти қудрати идории сиёсии ҷомеа, бахусус, ҳангоми пайдоиши мақсад ва вазифаҳои умумӣ зиддиятҳои ҷузъиро ба канор гузошта, дар платформаи ягона муттаҳид мегарданд. Онҳо ташкилоти муташаккилро таъсис медиҳанд, ки воситаи муҳимтарини ба қудрати сиёсӣ муваффақ гардидан аст. Чунин ҳадафҳоро исломи сиёсӣ дар ҳар гуна мамлакати мусулмоннишин ба миён мегузорад.

Муаллиф таваҷҷуҳи хосаро ба омили исломӣ додааст. Аз ин хотир, дар рисола таваҷҷуҳи хосаро амалҳо ва фаъолиятҳое ба худ кашидаанд, ки барои танзими фаъолиятҳо дар нисбати истифодаи омили исломӣ ва имконияту

шароитҳои истифодаи он дар шароити Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамтои он дода мешавад.

Масъалаҳо, зиддиятҳо ва муқовиматҳои исломи сиёсӣ бо махсусиятҳои воқеияти сиёсӣ хосияти замонию маконӣ доранд. Яке аз чунин рӯовариҳо масъалаи баҳси ҷудоии дин аз сиёсат аст, ки дар рисола ба таври комил мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Дар боби дуюми рисола – *"Масъалаҳои сиёсию назариявӣ ва амалии ҷойгоҳи дини ислом дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон"* бештар масъалаҳои амалии ҳаёти сиёсӣ ва таъсиррасониҳои омили динӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба хусусиятҳои зуҳури омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистон, ташкилотҳои сиёсии динию мазҳабӣ ва мақоми онҳо дар раванди сиёсии Тоҷикистон, иштироки ташкилотҳои сиёсию динӣ дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷомеаи Тоҷикистон дода мешаванд.

Муаллиф муносибати комплексӣ ва системанокиро дар нисбати масъалаҳо ихтиёр намуда, омили исломиро ба сифати объекти мушаххасу комил дониста, бо дигар омилҳо ва раванду ҳодисаҳо дар муносибати махсус қарор додааст. Таҳлили амиқу дурусти чунин масъалаҳо танҳо дар ҳолати мадди назар доштани маҷмуи тарзи муносибатҳо ва равандҳои таъсиррасон амалӣ мешавад.

Таҷрибаи Тоҷикистон дар масъалаи ҳамгироии омили исломӣ ва раванди сиёсии дунявӣ ибратомӯз аст. Чунин муносибат буд, ки тарҳи хосаи давлати дунявӣ ташаккул ёфт. Ҳокимият аз муносибати радикалӣ ба фаҳми дунявият ҳазар намуда, таносуби байни давлати дунявӣ ва ҷамоаи диниро сари вақт ва дуруст муайян намуд. Тарҳи хосаи муносибатҳои байниҳамдигарии ҳокимияти дунявӣ ва исломи сиёсӣ ба амал омад.

Муаллиф робитаҳои байниҳамдигарии иттиҳодияҳо ва созмонҳои динию мазҳабиро бо давлат мавриди таҳлил карор додааст. Давлат вазифадор аст, ки дар сиёсати давлатӣ дар муносибат ба дин таъмини ҳуқуқ ва озодии виҷдонро

дар қатори аввал гузорад ва мақомотҳои давлатӣ бо иттиҳодия ва созмонҳои динӣ дар асоси принсипи "ҳусни тафоҳум" муносибат намоянд.

Яке аз махсусиятҳои ҷараёни исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистонро афзоиши босуръати шумора ва андозаи ҷамоаҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ташкил медиҳад. Ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ ба танзими фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Давлат барои пойдории таҳаммул ва эҳтироми байни шаҳрвандони диндору бедин, байни пайравони иттиҳодияҳои динӣ ва мазҳабҳои гуногун мусоидат менамояд.

Ҳангоми иншои рисолаи диссертатсионӣ ба масъалаҳои асосии инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, пайвастҳо ва робитаҳои мутақобилаи омили исломӣ ва низоми ташаккул ва инкишофи раванду ҳодисаҳои сиёсӣ муносибати хосае пеша мегардад, ки имконият медиҳад ҳолатҳои таҳқиқгардидаи пештари онҳо боз ҳам амиқ гарданд ва зиёда аз ин, ҳолатҳои мухталифи ҳаёти муосири кишвар муайян шаванд. Махсусиятҳои онҳо, ки такмил ва таҳкими тағйиротҳои сиёсиро инъикос менамоянд, ошкор шаванд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ аз мавқеи илмҳои сиёсӣ ҷараёни инкишофи равандҳои сиёсӣ ва махсусияти онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ин хотир, методологияи тадқиқу таҳлили онҳо, моҳияти иҷтимоии онҳо, махсусияти зоҳиршавӣ ва омилҳои асосии таъсиррасонии онҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Муаллифи рисола аҳамияти сиёсию илмии мавзӯи интихобгардида, зарурати аз ҷиҳати назариявию методологӣ ва сиёсию амалӣ таҳқиқи онро нишон додааст. Махсусан, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти барҷаста пайдо менамоянд.

Баҳсу мубоҳисаҳои илмӣ дар мавриди масъалаҳои омили исломӣ ва хусусиятҳои раванди сиёсии Тоҷикистон, ҷустуҷӯ ва дарёфти масъалаҳои мустақили таҳқиқоти хеш, таҳлили мафҳумҳои зиёду мухталиф, истилоҳот ва қонуниятҳо, муайян намудани дастгоҳи мафҳумӣ, ки бевосита ба масъалаҳои

инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон вориданд, хусусиятҳои асосии рисолаи диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Муаллиф теъдоди зиёди таълифот ва корҳои нашриро гардиши илмӣ додааст, ки масъалаҳои гуногуни инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, ҳамгироии омили исломӣ ва таъсиррасонии он ба раванди сиёсиро ба доираи муҳокимаҳо ва баҳсҳои илмӣ дохил намудааст.

Муаллифи рисола дархостҳои худро мураттаб сохта, пешниҳодоти амалӣ ва пешбиниҳои илмиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан иброз намудааст. Ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки муаллиф сатҳи касбияти заруриро пайдо намудааст ва қобилияти зарурӣ ба таҳқиқоти илмиро пайдо кардааст.

Рисола мантиқан дуруст баён гардида, маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври амиқ таҳлил гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд. Хулосаҳои асосию муҳим пешниҳод гардидаанд, ки аҳамияти амалиро касб намудаанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзӯи таҳқиқот чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро инъикос менамоянд.

А.С. Турдиназаров аз худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилро нишон дода, қобилияти хосае барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро зоҳир намудааст. Рисолаи диссертатсионӣ кори илмию таснифотӣ буда, дар он дар асоси таҳқиқоти муаллиф ҳолатҳои назариявӣ таҳия гардидаанд. Навъи хоси ҳалли илмии масъала пешниҳод мегардад, ки онҳоро метавон ба сифати муваффақияти илмӣ, ки аҳамияти муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ доранд, баҳогузорӣ намуд.

Ҳамин тавр, А.С. Турдиназаров худро ҳамчун муҳаққиқи нуктасанҷ нишон дода, рисолае бо усули хос, методологияи қавии пазируфта ва муносибати объективонае ба раванду ҳодисаҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон иншо намудааст. Истифодаи он ҳам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам барои кишварҳои дигари олами ислом аҳамиятнок буда, дар дарки масъалаҳо ва дарёфти ҳалли онҳо аҳамияти муҳим пайдо менамояд.

Рисолаи диссертатсионӣ бо рӯзмаррагӣ ва навгониҳои худ фарқ намуда, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори муваффақ гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – институтҳои сиёсӣ, равандҳо ва технология (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои сиёсӣ,
профессори кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зокиров Г.Н.

734025, ҶТ, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
gulmahmad.zokirov@mail.ru тел. 918 70 89 57

Имзои Г.Н. Зокировро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва қисми махсуси ДМТ Э. Тавқиев

07.05.2021